Ба Шурои диссертатсионии
6D.KOA.-045 дар назди МДТ-и
“ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров”

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзуи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт)**

Дар соҳаи маориф ҷорӣ намудани технологияи муосири компютерӣ ва воситаҳои алоқа аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Қайд кардан муҳим аст, ки қариб ҳамаи кишварҳои пешрафта барномаҳои марбут ба рушди низоми маорифро бо истифода аз технологияҳои муосир амалӣ мекунанд. Сарфи назар аз шумораи зиёди шакл, намуд ва тафовути методология ин барномаҳо зери номи умумии таҳсилоти фосилавӣ муттаҳид шудаанд.

Аз автореферати диссертатсияи докторант Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” маълум мешавад, ки он чунин мавзуҳоро дарбар мегирад: мавзуъҳои муҳими соҳаи амсиласозии таъмини бехатарии иттилоот дар низоми таҳсилоти фосилавӣ; таҳия ва татбиқи воситаҳои инструменталӣ ва алгоритмӣ барои арзёбии эконометрикии самаранокии амнияти иттилоот дар системаи таҳсилоти фосилавӣ.

Дар автореферат мубрамии масъалаи таҳқиқ, асосҳои назариявӣ, асосҳои методологӣ, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии муаммоҳои таҳқиқшаванда дар кифояги зикр шудааст. Дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ, хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ бароварда шудааст ва барои истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот тавсияҳои асоснок коркард ва пешниҳод гардидааст.

Хулосаи таҳқиқоти илмии докторант (PhD) дар раванди тадқиқот оиди “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти

иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” ба тариқи мушаххас чунин пайгири карда шудааст: дар натиҷаи таҳлили ҷойдоштаи равишҳои таҳияи системаи амнияти иттлоотӣ нуқсонҳо ва афзалиятҳои онҳо, хусусият ва ҷой доштани дурнамои рушди онҳо ошкор ва ҳадафу вазифаҳои системаи идоракунии бехатарӣ муайян карда шудааст; модели коркардшуда арзёбии маҷмӯи талафоти эҳтимолии иқтисодро дар ҳолати таҳдидҳо, таъмин менамояд; тавассути амалигардонии усулҳои пешниҳодшудаи ҳифз ва арзёбии эҳтимолияти амнияти иттилоот дар шабакаи компютерии корпоративӣ, афзалиятҳо ва эътимоднокии онҳо нишон дода шудааст; исбот шудааст, ки амнияти объектҳои гуногуни низоми таҳсилоти фосилавӣ бидуни воситаҳои амнияти иттилоотӣ ва бо воситаҳои амнияти иттилоотӣ аз шумораи донишҷӯён вобаста аст.

Шиносоӣ бо таҳқиқоти дар автореферат пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки муаллиф дорои қобилият ва малакаи хуби таҳқиқотӣ ва истифодаи методҳои мухталифи таҳлилӣ мебошад. Автореферати диссертатсия мувофиқи талаботи меъёрии фишурдаҳои дисертатсияи номзадӣ навишта шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар автореферати диссертатсия камбудиву норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасад, ки ба эътибор гирифтани онҳо, барои боз ҳам афзудани арзиши илмии тадқиқот мавриди назар мусоидат менамояд:

1. Хуб мешуд агар ҳисобҳои амалии гузаронидашудаи муаллиф оид ба бартарӣ ва эътимоднокии усулҳои пешниҳодшудаи ҳифз ва арзёбии эҳтимолии амнияти иттилоотӣ дар автореферат дар намуди ҷадвал бештар нишон дода мешуданд.
2. Дар автореферати рисола ғалатҳои имловӣ ва услубӣ низ мавҷуд аст.

Бо вуҷуди ин гуна камбудиҳои ҷузъӣ аҳамияти тадқиқи диссертатсиони, амсиласозии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ кам намегардад.

Дар маҷмуъ, рисолаи номзадии Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзуи "Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ" ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад. Аз ин лиҳоз муаллифи он Абдуллоев Акмал Абдуҷабборович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 Иқтисодиёт (6D050605- Методхои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) мебошад.

Номзади илмҳои физикаю математика,
дотсенти кафедраи информатика ва технологияи
иттилоотии Донишгоҳи славянии
Руссия ва Тоҷикистон М.М.Қобилов

Суроғаи донишгоҳ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, к. Мирзо Турзунзода, 30
тел.: (+992) 2278593, (+992) 939198960
e-mail: maruf1960@mail.ru

Имзои н.и.ф.-м., дотсент М.М.Қобилов -ро
тасдиқ мекунам

Сардори Раёсати кадрҳо А.А.Раҳимов

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

«27» XI 2023 с.